**ХАДАМОТИ ГУМРУКИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ**

**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

*734025 ш. Душанбе, к. Бухоро -50/1 тел: 221-22-35; 221-16-92; факс: 221-46-30 www.customs.tj* / customs@tojikiston.com

# ФАРМОИШ

«21» июли соли 2020 **№ 94-ф** ш. Душанбе

Дар бораи тасдиқ намудани Шакл ва тартиби додан,
бекор кардан, бозхондан ва боздоштани амали шаҳодатнома дар бораи
дохил намудан ба Феҳристи танзимгарони ваколатдори иқтисодӣ

260.050.000.

Мутобиқи қисми 2 моддаи 68 (1) Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва банди 11 Низомномаи Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2006, №612 тасдиқ шудааст,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Шакл ва тартиби додан, бекор кардан, бозхондан ва боздоштани амали шаҳодатнома дар бораи дохил намудан ба Феҳристи танзимгарони ваколатдори иқтисодӣ тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Раёсати таъмини ҳуқуқӣ фармоиши мазкурро ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бақайдгирии давлатӣ пешниҳод намояд.

3. Шуъбаи иттилоотӣ интишори расмии фармоиши мазкурро баъд аз бақайдгирии давлатӣ таъмин намояд.

4. Раёсати ташкилию бозрасӣ фармоиши мазкурро ба воҳидҳои сохтории Хадамот ирсол намояд.

5. Фармоиши мазкур пас аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

6. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини якуми сардори Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шавад.

Сардор Каримзода Хуршед Абдураҳмон

Тасдиқ шудааст,
бо фармоиши Хадамоти гумруки назди
Ҳукумати Ҷумҳуриии Тоҷикистон
аз «21» июли соли 2020, №94-ф

Шакл ва тартиби додан, бекор кардан, бозхондан
ва боздоштани амали шаҳодатнома дар бораи дохил намудан ба Феҳристи
танзимгарони ваколатдори иқтисодӣ

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Шакл ва тартиби додан, бекор кардан, бозхондан ва боздоштани амали шаҳодатнома дар бораи дохил намудан ба феҳристи танзимгарони ваколатдори иқтисодӣ (минбаъд – Тартиб) мутобиқи қисми 2 моддаи 68 (1) Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, шакл ва тартиби додан, бекор кардан, бозхондан ва боздоштани амали шаҳодатнома дар бораи дохил намудан ба Феҳристи танзимгарони ваколатдори иқтисодиро (минбаъд – Феҳрист) муайян менамояд.

2. Тартиби мазкур фаъолияти мақомоти гумрукро вобаста ба тартиби додан, бекор кардан, бозхондан ва боздоштани амали шаҳодатнома ба танзим медарорад.

3. Мафҳумҳои асосие, ки дар Тартиб истифода бурда мешаванд:

- танзимгари ваколатдори иқтисодӣ - шахси ҳуқуқии ватание мебошад, ки ба Феҳристи танзимгарони ваколатдори иқтисодӣ дохил карда шуда, ҳуқуқи истифода аз содагардонии махсуси пешбинишуда барои барасмиятдарории гумрукиро доро мебошад;

- шахси манфиатдор - шахси ҳуқуқии ватании манфиатдор барои гирифтани мақоми танзимгари ваколатдори иқтисодӣ;

- шахси ҳуқуқии ватанӣ – шахси ҳуқуқие, ки мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфтааст;

- Феҳристи танзимгарони ваколатдори иқтисодӣ – маҷмӯи маълумотҳо оид ба танзимгарони ваколатдори иқтисодӣ, ки аз ҷониби Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил карда мешавад;

- шаҳодатнома оид ба дохил намудан ба Феҳристи танзимгарони ваколатдори иқтисодӣ – ҳуҷҷатест, ки ба шахси манфиатдор додани мақоми танзимгари ваколатдори иқтисодиро тасдиқ мекунад.

4. Тартиби додан, бекор кардан, бозхондан ва боздоштани амали шаҳодатнома аз ҷониби Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Хадамоти гумрук) сурат мегирад.

5. Мақоми танзимгари ваколатдори иқтисодӣ ба шахси манфиатдор бо роҳи пешниҳоди шаҳодатнома аз ҷониби Хадамоти гумрук дода мешавад.

6. Хадамоти гумрук дорои ваколати зерин мебошад:

- таъмини пешбурди сиёсати ягона ҳангоми амалисозии фаъолият вобаста ба тартиби додан, бекор кардан, бозхондан ва боздоштани амали шаҳодатнома;

- шакли Феҳристро муайян менамояд;

- шакли аризаро оид ба дохил намудан, ворид намудани тағйиру иловаҳо, инчунин хориҷ намудан аз Феҳрист муайян менамояд;

- шакли шаҳодатномаро муайян менамояд.

## 2. ШАРТҲОИ ДОХИЛ НАМУДАН БА ФЕҲРИСТ

7. Барои дохил шудан ба Феҳрист шахси манфиатдор бояд ба шартҳои зерин ҷавобгӯ бошад:

- доштани доройӣ барои иҷрои ӯҳдадорӣ оид ба таъмини пардохтҳои гумрукӣ;

- амалисозии фаъолияти савдои хориҷӣ на камтар аз се сол то рӯзи муроҷиат ба Хадамоти гумрук бо ариза оид ба додани мақоми танзимгари ваколатдори иқтисодӣ;

- дар рӯзи муроҷиат ба Хадамоти гумрук мавҷуд набудани ӯҳдадориҳои иҷронашудаи пардохтҳои гумрукӣ, фоизҳо, ҷаримаҳо аз рӯи қарорҳо оид ба парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ, ки эътибори қонунӣ пайдо кардаанд;

- дар давоми 1 (як) сол пеш аз муроҷиат ба Хадамоти гумрук мавҷуд набудани ҳолатҳои ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шудан барои ҳуқуқвайронкуниҳо дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ;

- мавҷуд будани низоми баҳисобгирии молҳо, ки имконият медиҳад маълумотҳои ба мақомоти гумрук ҳангоми барасмиятдарории гумрукии

мол пешниҳодшударо бо маълумотҳо вобаста ба амалиётҳои хоҷагидорӣ мувофиқи талаботи муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқоиса намояд.

8. Шахсони манфиатдор дар ҳолатҳои зерин наметавонанд ба гирифтани мақоми танзимгари ваколатдори иқтисодӣ даъво намояд:

- агар дар раванди азнавташкилдиҳӣ, барҳамдиҳӣ ва муфлисшавӣ бошанд;

- мавҷуд будани тавозуни манфӣ барои соли қаблӣ аз муроҷиат ё дорои воситаҳои асосӣ ба маблағи камтар аз 500 000 (панҷсад ҳазор) сомонӣ.

9. Барои дохил намудани шахси ҳуқуқӣ ба Феҳрист маблағ ситонида намешавад.

## 3. ҲУҶҶАТҲОЕ, КИ БАРОИ ДОХИЛ НАМУДАН БА ФЕҲРИСТ ПЕШНИҲОД КАРДА МЕШАВАД

10. Барои дохил шудан ба Феҳрист ва гирифтани мақоми танзимгари ваколатдори иқтисодӣ шахси манфиатдор ба Хадамоти гумрук аризаи шаклаш муайяншуда мувофиқи замимаи 1 бо имзои роҳбар ва бо муҳри шахси манфиатдор тасдиқ шударо пешниҳод менамояд.

11. Ариза бояд маълумотҳои зерини шахси манфиатдорро дар бар гирад:

- муроҷиати шахси манфиатдор ба Хадамоти гумрук оид ба дохил намудан ба Феҳрист;

- номи пурра, шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва маҳалли ҷойгиршавии шахси манфиатдор;

- маълумот дар бораи роҳбар ва сармуҳосиб;

- маълумот оид ба шахсоне, ки ҳамчун намояндаи шахси манфиатдор ҳангоми баррасии ариза ваколатдор шудаанд;

- содагардониҳои махсуси дархостшуда;

- дар кадом минтақаи воҳиди сохтории мақомоти гумрук мақсади амалӣ намудани фаъолияти худро дорад.

12. Ҳамзамон бо супоридани ариза барои дохил намудан ба Феҳрист шахси манфиатдорро зарур аст, ки ҳуҷҷатҳои зеринро ба Хадамоти гумрук пешниҳод намояд:

1) ҳуҷҷатҳои таъсисёбӣ;

2) ҳуҷҷатҳои бақайдгирии давлатӣ;

3) ҳуҷҷат оид ба сабт дар мақомоти андоз;

4) ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи таъмини супоридани пардохтҳои гумрукӣ бо усулҳои пешбининамудаи моддаи 385 Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба андозаи на камтар аз 8 000 (ҳашт ҳазор) – нишондиҳанда барои ҳисобҳо бо нишондоди ҳангоми муроҷиат муқарраршуда;

5) ҳуҷҷати тасдиққунандаи кушодани суратҳисобҳои бонкӣ дар бонкҳои дар феҳристи мақомоти гумрук дохилбуда;

6) ҳисоботи муҳосиботӣ дар давоми 1 (як) сол пеш аз муроҷиат, бо имзои роҳбар ва сармуҳосиб, инчунин бо муҳр тасдиқшуда;

7) на кам аз ду шаҳодатномаи тахассусии мутахассиси барасмиятдарории гумрукӣ, ки корманди муроҷиаткунанда мебошанд;

8) шартномаи байни муроҷиаткунанда ва Хадамоти гумрук басташуда, ки он тартиби ҳамоҳангсозии фаъолият ва регламенти мубодилаи маълумотҳоро муайян месозад (ҳамшабеҳ ба шартномаи миёни Хадамоти гумрук ва брокерони гумрукӣ бо IP-адрес ва мавҷуд будани низоми баҳисобгирии молҳо мутобиқ ба талаботи сархати панҷуми банди 7 Тартиб);

9) ҳуҷҷатҳои гумрукие, ки пешбурди фаъолияти савдои хориҷиро на кам аз се сол тасдиқ менамоянд;

10) агар фаъолияти танзимгари ваколатдори иқтисодӣ нигоҳдории муваққатии молҳоро дар ҳудуди биноҳо, дар майдонҳои кушод ё дигар минтақаҳо дар назар дошта бошад:

- шаҳодатнома дар хусуси бақайдгирии давлатии ҳуқуқ ба истифодаи биноҳо ва (ё) майдонҳои кушод дар ҳолате, ки агар онҳо дар моликият ва ё дар истифодаи шахси манфиатдор бошанд;

- шартномаи иҷора (зериҷора)-и биноҳо, ки тибқи тартиби муқарраршуда ба қайд гирифта шудааст;

- шартномаи иҷора (зериҷора)-и қитъаи замин, ки дар он майдони кушод ҷойгир буда, бо тартиби муқарраршуда ба қайд гирифта шудааст;

- нақшаи анбор бо нишон додани минтақаҳое, ки дар онҳо ҷойгиркунии молҳои таҳти назорати гумрукӣ қарордошта ба нақша гирифта шудааст;

- нақшаи майдони кушод бо нишон додани андоза ва ҷойгиршавии ин майдон дар минтақаи истеҳсолӣ.

13. Ҳуҷҷатҳои дар банди 12 Тартиб пешбинишуда метавонанд дар шакли аслӣ ва ё дар шакли нусха, ки бо тартиби муайянгардида тасдиқ шудаанд, пешниҳод карда шаванд. Пас аз анҷоми баррасии муроҷиат, Хадамоти гумрук уҳдадор аст ҳуҷҷатҳои аслии муроҷиаткунандаро бо дархости ӯ баргардонад.

14. Ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи таъмини пардохтҳои гумрукӣ бояд ба Хадамоти гумрук ҳамроҳ бо ариза оид ба дохил кардан ба Феҳрист ё на дертар аз 30 рӯз шурӯъ аз рӯзе, ки ба шахси манфиатдор огоҳӣ дар бораи қабули қарори пешакӣ оид ба риояи шартҳои дигари дохил намудани шахси манфиатдор ба Феҳрист ирсол мешавад, пешниҳод карда шаванд.

## 4. ТАРТИБИ БАРРАСИИ АРИЗА

15. Ариза ва ҳуҷҷатҳои ба он замимашуда аз ҷониби Хадамоти гумрук дар муҳлати на зиёда аз 30 рӯз аз рӯзи қабули ариза ва ҳуҷҷатҳои ба он замимашуда баррасӣ карда мешаванд.

16. Муҳлати баррасии ариза оид ба дохил намудан ба Феҳрист ҳангоми зарурат аз ҷониби сардори Хадамоти гумрук тамдид карда мешавад, аммо ба муҳлати на зиёда аз як моҳ. Оид ба тамдиди муҳлати баррасии ариза барои дохил намудан ба Феҳрист шахси манфиатдор бо нишон додани сабаб дар шакли хаттӣ огоҳ карда мешавад.

17. Муҳлати баррасии ариза барои дохил намудан ба Феҳрист аз рӯзи дигари пас аз гирифтани он оғоз мешавад, муҳлати тамдиди баррасии ариза аз рӯзи дигар пас аз рӯзи ба охир расидани муҳлати баррасии он оғоз меёбад.

18. Дар ҳолате, ки аз тарафи шахси манфиатдор ҳуҷҷатҳо бо вайронкунии талаботи бандҳои 11 ва 12 Тартиб пешниҳод мешавад, Хадамоти гумрук дар муҳлати на дертар аз панҷ рӯзи корӣ аз рӯзи қабули ариза ва ҳуҷҷатҳои ба он замимашуда, шахси манфиатдорро оид ба қатъ намудани баррасии ариза бо нишон додани сабабҳо ба таври хаттӣ огоҳ мекунад.

19. Шахси манфиатдор метавонад такроран бо ариза барои дохил намудан ба Феҳрист пас аз гузаштани як сол аз рӯзи қабули қарор оид ба қатъи баррасии аризаи қаблӣ муроҷиат кунад.

20. Хадамоти гумрук дар муддати як моҳ аз рӯзи гирифтани ариза ва ҳуҷҷатҳои ба он замимашуда нисбати шахсе, ки барои дохил намудан ба Феҳрист ва гирифтани шаҳодатнома ариза додааст, санҷишро дар маҳал мегузаронад. Хадамоти гумрук метавонад раёсати минтақавии гумрукиро барои гузаронидани санҷиш ваколатдор намояд.

21. Дар ҷараёни санҷиш муайян карда мешавад:

- дурустии маълумотҳо дар ҳуҷҷатҳои аз ҷониби шахси манфиатдор пешниҳодшуда;

- маҳалли воқеии ҷойгиршавии шахси манфиатдор;

- мавҷудияти системаи баҳисобгирӣ, ки ҷавобгӯи талаботи Хадамоти гумрук бошад;

- мавҷудияти бино ва ҳудуд, ки барои истифодабарӣ бо мақсадҳои фаъолияти гумрукӣ арз шудаанд, инчунин мувофиқати техникии онҳо барои мақсадҳои гумрукӣ;

- доштани мутахассисони шаҳодатномадор дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ;

- мавҷудияти дороиҳои моддии зарурӣ ба маблағи на кам аз 500 000 (панҷсад ҳазор) сомонӣ;

- баҳодиҳӣ ба эътимоднокии шахси манфиатдор аз ҷониби мақомоти гумруке, ки дар минтақаи фаъолияти он шахс амалиётҳои фаъолияти савдои хориҷиро анҷом додааст.

22. Агар дар рафти санҷиш ҳолатҳое муайян шаванд, ки далели риоя нагардидани шартҳои алоҳидаи додани мақоми танзимгари ваколатдори иқтисодӣ ба шумор меравland, дар сурати мавҷуд будани имконияти ислоҳи он аз ҷониби намояндаи ваколатдори Хадамоти гумрук, ки санҷишро мегузаронад, ба шахси манфиатдор огоҳӣ оид ба бартараф сохтани камбудиҳо ирсол карда мешавад. Огоҳӣ бевосита бо гирифтани имзо ба роҳбари шахси манфиатдор супорида мешавад.

23. Шахси манфиатдор ҳуқуқ дорад шартҳои додани мақоми танзимгари ваколатдори иқтисодиро, ки дар огоҳӣ омадааст, иҷро намуда, дар муддати на дертар аз як моҳ пас аз гирифтани он Хадамоти гумрукро оид ба иҷрои он огоҳ намояд.

24. Ҳангоми фиристодани огоҳинома ба шахси манфиатдор дар бораи бартараф намудани ҳолатҳои риоя накардани шартҳои додани мақоми танзимгари ваколатдори иқтисодӣ, муҳлати баррасии ариза дар бораи дохил намудан ба Феҳрист боз як моҳ, шурӯъ аз рӯзи ба шахси манфиатдор додани огоҳинома, тамдид карда мешавад.

25. Аз рӯи натиҷаҳои санҷиш корманди ваколатдори Хадамоти гумрук, ки санҷишро гузаронидааст, санад дар хусуси риоя шудан ё нашудани шартҳои дохил кардани шахси манфиатдор ба Феҳрист бо дарҷи хулосаи ба ӯ додани мақоми танзимгари ваколатдори иқтисодӣ тартиб медиҳад.

26. Аз ҷониби шахси манфиатдор дар муҳлатҳои муайяншуда дар огоҳнома наандешидани чораҳо ҷиҳати бартараф кардани камбудиҳои дар он зикршуда, ҳамзамон огоҳ накардани Хадамоти гумрук оид ба рафъи онҳо, асос барои дар санади санҷишӣ дарҷ намудани хулоса дар бораи аз ҷониби шахси манфиатдор риоя нагардидани шартҳои додани мақоми танзимгари ваколатдори иқтисодӣ мебошад.

27. Ҳангоми баррасии ариза Хадамоти гумрук ҳуқуқ дорад аз шахсони сеюм, инчунин аз мақомоти давлатӣ ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи маълумоти пешниҳоднамудаи аризадиҳандаро талаб кунад.

## 5. ТАРТИБИ ДОХИЛ НАМУДАН БА ФЕҲРИСТ ВА ДОДАНИ ШАҲОДАТНОМА

28. Хадамоти гумрук дар натиҷаи баррасии аризаи шахси манфиатор дар бораи дохил намудан ба Феҳрист яке аз қарорҳои зеринро қабул мекунад:

- дар бораи дохил намудан ба Феҳрист ва додани шаҳодатнома;

- дар бораи рад кардани дохил намудан ба Феҳрист ва додани шаҳодатнома.

29. Ҳангоми мавҷуд будани ҳуҷҷатҳо ва маълумотҳои дар бандҳои 10 ва 11 Тартиб пешбинишуда, инчунин дар сурати риояи шартҳои дохил намудан ба Феҳрист, ки бо санади санҷишӣ тасдиқ шудааст, қарор дар бораи дохил намудани шахси манфиатдор ба Феҳрист ва додани шаҳодатнома ба

ӯ қабул шуда, бо фармоиши сардори Хадамоти гумрук тасдиқ карда мешавад.

30. Дар муҳлати на дертар аз панҷ рӯз пас аз дохил намудан ба Феҳрист ба шахси манфиатдор шаҳодатнома тибқи шакли дар замимаи 2 Тартиб муқарраршуда дода мешавад.

31. Шаҳодатнома дар ду нусха нашр шуда, нусхаи якум дар Хадамоти гумрук нигаҳдорӣ шуда, нусхаи дуюм ба шахси манфиатдор дода мешавад.

32. Шаҳодатнома ба роҳбари шахси манфиатдор ё ба намояндаи ваколатдори ӯ дода мешавад.

33. Шаҳодатномаро ба шахси дигар додан мумкин нест.

34. Шахси манфиатдор мақоми танзимгари ваколатдори иқтисодиро шурӯъ аз рӯзи гирифтани шаҳодатнома ба даст меорад. Муҳлати амали шаҳодатнома бемаҳдуд аст.

## 6. ТАРТИБИ ҚАБУЛИ ҚАРОР ДАР БОРАИ ДОХИЛ НАКАРДАН БА ФЕҲРИСТ

35. Хадамоти гумрук қарорро дар бораи дохил накардан ба Феҳрист бо асосҳои зерин қабул менамояд:

- пешниҳод накардани ҳуҷҷатҳои дар банди 12 Тартиб пешбинишуда;
- пайдошудани далел оид ба пешниҳоди маълумотҳои бардурӯғ;
- мутобиқат накардани шахси манфиатдор ба яке аз шартҳои дохил намудан ба Феҳрист, ки дар моддаи 68(2) Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд;
- таъмин накардани пардохтҳои гумрукӣ дар давоми сӣ рӯз, шурӯъ аз лаҳзаи гирифтани огоҳинома оид ба батаъхиргузорӣ.

36. Қарор дар бораи дохил накардан ба Феҳрист бо фармоиши сардори Хадамоти гумрук қабул карда мешавад.

37. Оид ба қабул гардидани қарор дар бораи рад кардани воридсозӣ ба Феҳрист аризадиҳанда бояд фавран пас аз қабули гардидани чунин қарор бо нишон додани асосҳои рад намудани воридсозӣ ба таври хаттӣ хабардор карда шавад.

## 7. ТАРТИБИ БОЗДОШТ ВА БАРҚАРОР НАМУДАНИ АМАЛИ ШАҲОДАТНОМА

38. Амали Шаҳодатнома дар ҳолатҳои зерин боздошт карда мешавад:

- пешниҳоди ариза аз ҷониби шахси манфиатдор оид ба боздошти фаъолияти он ҳамчун танзимгари ваколатдори иқтисодӣ;
- ошкор намудани ҳолатҳои риоя нагардидани як ё якчанд шартҳои додани мақоми танзимгари ваколатдори иқтисодӣ аз ҷониби танзимгари ваколатдори иқтисодӣ;
- пешниҳод накардани ҳисобот бо шаклҳо ва бо тартибу шартҳои муқаррарнамудаи қонунгузории гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- оғози парвандаи муфлисшавӣ нисбат ба шахси манфиатдор, ки ба сифати танзимгари ваколатдори иқтисодӣ фаъолиятро амалӣ месохт;

- оғози парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ;

- оғози парвандаи ҷиноятӣ нисбати роҳбар ва (ё) кормандони танзимгари ваколатдори иқтисодӣ, ки мутобиқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ваколати мақомоти гумрук вогузор шудааст.

39. Қарор дар бораи боздошти амали шаҳодатнома бо фармоиши сардори Хадамоти гумрук қабул карда мешавад.

40. Дар фармоиш асос ва муҳлати боздошти амали шаҳодатнома дарҷ карда мешавад.

41. Маълумот дар бораи боздоштани амали шаҳодатнома ба Феҳрист ворид карда мешавад.

42. Хадамоти гумрук дар шакли хаттӣ танзимгари ваколатдори иқтисодиро оид ба қабули қарор вобаста ба боздошти амали шаҳодатномаи ба ӯ додашуда огоҳ менамояд. Дар огоҳнома санаи боздошти амали шаҳодатнома ва муҳлати амали боздошти он қайд карда мешавад.

43. Агар амали шаҳодатнома дар асоси аризаи танзимгари ваколатдори иқтисодӣ боздошта шуда бошад, он гоҳ муҳлати боздошт дар мувофиқа бо он муқаррар карда мешавад.

44. Бо асосҳои пешбининамудаи сархатҳои дуюм ва сеюми банди 38 Тартиб амали шаҳодатнома ба муҳлати 30 рӯз аз рӯзи баровардани фармоиш боздошта мешавад. Дар ин муҳлат танзимгари ваколатдори иқтисодӣ уҳдадор аст, ки ҳолатҳои риоя накардани шартҳои додани мақоми танзимгари ваколатдори иқтисодиро бартараф намуда, ҳисоботро дар шакли муқаррарнамудаи қонунгузории гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояд.

45. Бо асосҳои пешбининамудаи сархатҳои чорум, панҷум ва шашуми банди 38 Тартиб амали шаҳодатнома то қабули қарор аз ҷониби мақомоти ваколатдор оид ба парвандҳо вобаста ба парвандаи муфлисшавӣ, парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва парвандаи ҷиноятӣ боздошта мешвад.

46. Шаҳси ҳуқуқӣ то ба анҷом расидани муҳлати боздошти амали шаҳодатнома аз содагардониҳои махсуси пешбининамудаи моддаи 68(4) Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои танзимгарони ваколатори иқтисодӣ ҳуқуқи истифода бурдан надорад.

47. Амали шаҳодатномаи боздоштшуда дар ҳолатҳои зерин барқарор карда мешавад:

- дар муддати сӣ рӯз бартараф намудани ҳолатҳои риоя накардани шартҳои додани мақоми танзимгари ваколатдори иқтисодӣ;

- дар муддати сӣ рӯз пешниҳод кардани ҳисобот дар шакли муқаррарнамудаи қонунгузории гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- қабули ҳалнома дар бораи қатъи парвандаи муфлисшавӣ;

- қабули қарор дар бораи қатъ кардани парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ;

- қабули қарор дар бораи қатъи парвандаи ҷиноятӣ бо асосҳои сафедкунанда.

48. Қарор дар бораи барқарор намудани амали шаҳодатнома қабул мешавад:

- дар ҳолатҳои пешбинишудаи сархатҳои якум ва дуюми банди 47 пас аз тасдиқи далели рафъи вайронкунии шартҳои додани мақоми танзимгари ваколатдори иқтисодӣ ва дурустии ҳисоботи пешниҳодшуда аз тарафи Хадамоти гумрук;

- дар ҳолатҳои пешбинишуда дар сархатҳои сеюм, чорум ва панҷуми банди 47 баъд аз гирифтани ҳуҷҷатҳои расмии тасдиққунандаи қабули қарор ҳалнома дар бораи қатъи парвандаи муфлисшавӣ, қабули қарор дар бораи қатъ кардани парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва қабули қарор дар бораи қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ бо асосҳои сафедкунанда.

## 8. ТАРТИБИ БОЗХОНД, БЕКОР КАРДАН ВА ХОРИҶ НАМУДАНИ ШАҲОДАТНОМА АЗ ФЕҲРИСТ

49. Шаҳодатномаи шахси манфиатор бо асосҳои зерин бозхонд ва аз Феҳрист хориҷ карда мешавад:

- аризаи шахси манфиатдор оид ба бозхонди шаҳодатнома ва хориҷ намудани он аз Феҳрист;

- барҳамдиҳӣ ё азнавташкилдиҳии шахси ҳуқуқӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- аз ҷониби шахси ҳуқуқӣ пешниҳод нагардидани далели риояи шартҳои додани мақоми танзимгари ваколатдори иқтисодӣ ва (ё) пешниҳод накардани ҳисобот дар муҳлати муқаррарнамудаи банди 44 Тартиб пас аз боздоштани шаҳодатнома;

- қарори суд дар бораи муфлис эълон кардани шахси ҳуқуқӣ;

- эътибор пайдо намудани қарор дар бораи ҷалби шахси ҳуқуқӣ, ки мақоми танзимгари ваколатдори иқтисодиро доро мебошад, ба ҷавобгарии маъмурӣ барои ҳуқуқвайронкунии гумрукӣ;

- эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми суд дар бораи ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани роҳбар ва (ё) кормандони танзимгари ваколатдори иқтисодӣ барои содир намудани ҷиноятҳое, ки мутобиқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба салоҳияти мақомоти гумрук мансуб дониста шудаанд;

- пайдоиши далели гувоҳидиҳанда, ки мақоми танзимгари ваколатдори иқтисодӣ бар хилофи талаботи Тартиб дода шудааст, аз ҷумла мувофиқи маълумотҳои носаҳеҳи пешниҳоднамудаи шахси манфиатдор, ки асос барои гирифтани мақом гаштааст.

50. Қарор дар бораи бозхонди Шаҳодатнома, инчунин хориҷ намудан аз Феҳрист дар асоси фармоиши сардори Хадамоти гумрук қабул карда мешавад. Фармоиш аз рӯзи ба имзо расидан эътибор пайдо мекунад.

51. Дар рӯзи баромадани фармоиш маълумот дар бораи хориҷ намудани шахси ҳуқуқӣ аз Феҳрист, бозхонд ва бекор кардани Шаҳодатнома ба Феҳрист дохил карда мешавад.

52. Дар мухлати на дертар аз ду рӯз, шурӯъ аз рӯзи интишори фармоиш ба шахси манфиатдор огоҳиномаи хаттӣ дар бораи бозхонд кардани Шаҳодатнома ва инчунин ҳориҷ намудан он аз Феҳрист ирсол карда мешавад.

53. Ҳангоми хориҷ намудани шахси ҳуқуқӣ аз Феҳрист мувофиқи бандҳои 1, 4 ва 5 қисми 1 моддаи 21 Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳодатнома бекор карда мешавад.

54. Шахси манфиатдор барои аз нав гирифтани мақоми танзимгари ваколатдори иқтисодӣ метавонад баъди се сол аз рӯзи эътибор пайдо кардани фармоиши Хадамоти гумрук дар бораи бозхонд кардани шаҳодатнома ва аз Феҳрист хориҷ намудани он муроҷиат намояд.

## 9. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

55. Шахси манфиатдор ҳуқуқ дорад нисбати қарори Хадамоти гумрук оид ба дохил накардан ба Феҳрист, рад кардан, бозхондан ва бекор кардани шаҳодатнома мутобиқи муқаррароти боби 7 Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон шикоят намояд.

Замимаи 1
ба Шакл ва тартиби додан, бекор кардан, бозхондан ва боздоштани амали шаҳодатнома дар бораи дохил намудан ба Феҳристи танзимгарони ваколатдори иқтисодӣ

Ба сардори Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

# АРИЗА
## оид ба дохил намудан ба Феҳристи танзимгарони ваколатдори иқтисодӣ

---

(номи пурра ё кӯтоҳи (агар бошад) шахси ҳуқуқӣ)

---

(№ ва санаи додани РМА)

хоҳиш менамояд, ки моро ба Феҳристи танзимгарони ваколатдори иқтисодӣ (мибаъд - Феҳрист) бо додани Шаҳодатнома оиди гирифтани мақоми танзимгари ваколатдори иқтисодӣ (минбаъд - Шаҳодатнома), дохил намоед.

Барои тасдиқи риояи шартҳои дар моддаи 68(2) Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Кодекс) пешбинишуда, мо маълумот ва ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод манамоем:

| I. Маълумоти умумӣ |
| --- |

| № р/т | Шартҳои дохил намудан ба Феҳрист | Қайдҳо оид ба риояи шартҳои дохил намудан ба Феҳрист | Воҳиди ченак |
|---|---|---|---|
| 1. | Таъмини супоридани пардохтҳои гумрукӣ мутобиқи моддаи 385 КГ ҶТ (усули таъмини пардохт) | | |
| 2. | Иҷрои фаъолияти савдои хориҷӣ на камтар аз се сол то рӯзи муроҷиат ба мақоми гумрук (миқдори ДБГ) | | |
| 3. | Дар рӯзи муроҷиат ба мақоми гумрук мавҷуд набудани ухдадориҳои иҷронашудаи пардохтҳои гумрукӣ, фоизҳо, ҷаримаҳо аз рӯи қарорҳо оид ба парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ, ки эътибори қонунӣ пайдо кардаанд | | |
| 4. | Мавҷуд набудани ҳолатҳои дар давоми 1 (як) сол пеш аз муроҷиат ба мақоми гумрук ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шудан барои ҳуқуқвайронкуниҳо дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ | | |
| 5. | Мавҷуд будани низоми баҳисобгирии молҳо, ки имконият медиҳад маълумоти ба мақомоти гумрук ҳангоми барасмиятдарории гумрукии мол пешниҳодшударо бо маълумот оид ба гузаронидани амалиёти хоҷагидорӣ мувофиқи талаботи муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқоиса намояд | | |

II. Маълумот дар бораи биноҳо (қисмҳои бино) ва (ё) майдонҳои кушод (қисмҳои майдонҳои кушод), ки барои амалисозии расмиётҳои барасмиятдарории гумрукӣ пешбинӣ шудаанд

| № р/т | Номи объект ва вазъи ҳуқуқии моликият | Суроғаи ҷойгиршавӣ | Воҳиди ченак |
|---|---|---|---|
| 1. | | | |
| 2. | | | |
| 3. | | | |

III. Малумотҳои иловагӣ

1. Маълумот дар бораи воҳидҳои алоҳида ва (ё) филиалҳо

| № р/т | Номи воҳиди алоҳида ва (ё) филиал (пурра ва кӯтоҳ – агар бошад) | Рақам ва санаи бақайдгирии андоз | Суроғаи ҷойгиршавӣ |
|---|---|---|---|
| 1.1. | | | |
| 1.2. | | | |

2. Маълумот дар бораи нишондиҳандаҳои устувории молиявӣ

| № р/т | Номи нишондиҳанда | Маблағ |
|---|---|---|
| 2.1. | Андозаи дороиҳои соф | |

| | | |
|---|---|---|
| 2.2. | Андозаи сармояи оинномавӣ | |
| 2.3. | Арзиши боқимондаи воситаҳои асосӣ | |

| 3. Маълумот дар бораи роҳбарият | | | |
|---|---|---|---|
| № р/т | НОМИ ПУРРА | Вазифа (шахси аввал ва сармуҳосиб) | Рақам ва санаи фармоиш |
| 3.1 | | | |
| 3.2 | | | |

| 4. Маълумот дар бораи шахсони ваколатдор ба ҳайси намояндаи аризадиҳанда | | | |
|---|---|---|---|
| № р/т | НОМИ ПУРРА | Вазифа (шахси аввал ва сармуҳосиб) | Рақам ва санаи фармоиш |
| 4.1 | | | |
| 4.2 | | | |

Барои иҷрои фаъолият бо истифодаи содагардониҳои махсуси зерини дар моддаи 68(4) Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда иҷозат талаб карда мешавад:

1. ______________________________________________

(номи содагардониҳои махсус)

2. ______________________________________________
3. ______________________________________________
4. ______________________________________________
5. ______________________________________________
6. ______________________________________________
7. ______________________________________________

Фаъолият ба ҳайси танзимгари ваколатдори иқтисодӣ дар минтақаи фаъолияти
________________________________________________

(воҳиди сохтории мақомоти гумрук)

Ҳуҷҷатҳои зерин барои тасдиқи маълумотҳои дар аризаи мазкур овардашуда пешниҳод карда мешавад:

| № р/т | Номи ҳуҷҷат | Шумораи варақҳо |
|---|---|---|
| 1. | нусхаи тариқи нотариалӣ тасдиқшудаи хуҷҷатҳои таъсисёбӣ (оиннома ва протоколи ҷамъомади муассисон) | |
| 2. | нусхаи тариқи нотариалӣ тасдиқшудаи хуҷҷатҳои бақайдгирии давлатӣ | |
| 3. | нусхаи хуҷҷатҳои бақайдгирии давлатӣ дар мақомоти андоз (РМА) | |

| | | |
|---|---|---|
| 4. | Ҳуҷҷати тасдиқкунандаи таъмини супоридани пардохтҳои гумрукӣ бо усулҳои пешбининамудаи моддаи 385 Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон | |
| 5. | ҳуҷҷати тасдиқкунандаи суратҳисобҳои бонкӣ | |
| 6. | нусхаи ҳисоботи муҳосиботӣ дар давоми 1 (як) сол пеш аз мурочиат, бо имзои роҳбар ва сармуҳосиб, инчунин бо муҳр тасдиқшуда | |
| 7. | Нусхаи ҳуҷҷатҳои гумрукии тасдиқкунандаи пешбурди фаъолияти савдои хориҷӣ на камтар аз се сол (ДБГ) | |

__________________ _____________________ ____________________

(вазифа) (имзо) (номи пурра)

Ҷ.М.

«____»_______ _______ с.

Замимаи 2
ба Шакл ва тартиби додан, бекор кардан, бозхондан ва боздоштани амали шаҳодатнома дар бораи дохил намудан ба Феҳристи танзимгарони ваколатдори иқтисодӣ

ШАҲОДАТНОМА
оид ба дохил намудан ба Феҳристи танзимгарони ваколатдори иқтисодӣ
№ ______________*

Хадамоти гумруки
назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Тасдиқ мекунад, ки _________________________________________________________

(шакли ташкилию ҳуқуқӣ)

_________________________________________________________________________

(номи пурраи шахси ҳуқуқӣ)

ба Феҳристи танзимгарони ваколатдори иқтисодӣ дохил карда шудааст.

Ҷойгиршавии шахси ҳуқуқӣ: ________________________________________________

Маълумот дар бораи бақайдгирӣ дар мақомоти андоз:

_________________________________________________________________________

(№ РМА, санаи додан, аз ҷониби кӣ дода шудааст)

Маълумот дар бораи иҷозат барои истифодаи шаклҳои махсуси барасмиятдарории гумрукӣ:

_________________________________________________________________________

(номгӯи шаклҳои махсуси содагардониҳои гумрукӣ)

Маълумот оид ба минтақаи фаъолият:____________________________________________

(номи мақомоти минтақавии гумрук)

____________________ ____________________ ____________________

(вазифа) (имзо) (номи пурра)

Ҷ.М. Санаи додан «____»_______ ______с.

* Эзоҳ: Рақами шаҳодатнома аз ёздаҳ аломат иборат мебошад, ки бо хати каҷ ба се қисм тақсим карда шудааст.

Дар ин ҳолат шаш аломати авввал (қисми якум) рақами шаҳодатнома – рамзи 762000.

Ду аломати қисми дуюми рақами шаҳодатнома ба тарзи зерин ташаккул меёбад: агар шахси ҳуқуқӣ пештар ба Феҳрист дохил карда нашуда, шаҳодатнома якумин маротиба дода мешавад, дар қисми мазкур сифрҳо «00» гузошта мешавад; агар шаҳодатнома бо сабаби тағйири маълумоти шахси ҳуқуқӣ такроран дода шавад, ин қисми рақам бояд ба рақами тартибии шаҳодатномаи такроран додашуда мутобиқ бошад (ҳангоми тағйир додан ва додани шаҳодатномаи нав, якум маротиба «01», дуюм маротиба «02» ва ғ.).

Се аломати қисми охири рақами шаҳодатнома (сеюм қисм) - рақами тартибии дохил намудан ба Феҳрист.